**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

**УДК** 323.22/.28

***Бо ҳуқуқи дастнавис***



**Таваров Дилшодҷон Саидмуродович**

# РАВАНДИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР (ТАҶРИБАИ ТОҶИКИСТОН)

Ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо
ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти**
**дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ**

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Ҳайдарзода Рустам Ҷӯра** – доктори илмҳои фалсафа, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; |
| | **Саидзода Шӯҳрат Шукур** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия «05» июли соли 2025, соати «10-00» дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар Китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33) ва сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» __________________ соли 2025 фиристода шуд.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ Сангинов Н.Н.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рушду тавсеаи ҷомеаи иттилоотӣ, бахусус ташаккули инфрасохтори иттилоотии ҷомеа муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти ҳамарӯзаи одамонро ба куллӣ тағйир медиҳад. Дар ин раванд ҳаёти сиёсии ҷомеа дар зери таъсири дигаргуниҳои технологию иттилоотӣ қарор гирифта, шакл ва мазмуни худро тағйир медиҳад. Тавсеаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ, дар миқёси васеъ мавриди истифода қарор гирифтани зеҳни сунъӣ ва рушди тадриҷии инфрасохтори иттилоотии ҷомеа ба пешбурди сиёсати давлатӣ ва роҳу усулҳои татбиқи амалии он таъсири ҷиддӣ расонида, онро ба дигаргуниҳои сифатию миқдорӣ рӯ ба рӯ менамояд. Дар ин раванд ташаккулёбии ҳукумати электронӣ ба амал омада, давлатҳо ҳадафмандона ба рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, бахусус ба беҳтар намудани унсури иттилоотии раванди идоракунии давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар чунин шароит мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти ҳокимияти иҷроия истифодаи василаҳои иттилоотӣ, иқтидори технологии шабакаи интернет, ба амал баровардани хизматрасониҳои электронӣ, тавассути истифодаи имкониятҳои нави иттилоотӣ дар шакли нав ба роҳ мондани робита бо ҷомеа бамаротиб ҷиддитар мешаванд.

Ғайр аз ин, дар замони муосир рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии давлатӣ аз сатҳу сифати ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии мамлакат вобаста мегардад. Давлатҳое, ки дар самти истифодаи зеҳни сунъӣ муваффақият доранд, барои таъмин кардани марҳилаҳои минбаъдаи рушди худ заминаҳои хуб фароҳам овардаанд. Дигаргуниҳои сифатие, ки тӯли ду даҳсолаи охир ба амал омадаанд, натиҷаи истифодаи васеи василаҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъӣ мебошанд. Масалан, ба амал баровардану ташаккул додани ҳукумати электронӣ натиҷаи истифодаи василаҳои иттилоотӣ дар соҳаи сиёсат ва идоракунии давлатӣ мебошад. Ба ҳамин монанд ба вуҷуд омадани тиҷорати электронӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ натиҷаи истифодаи василаҳои мазкур дар соҳаи иқтисодиёт мебошад. Дар умум дар сатҳи баланд қарор гирифтани ҳама гуна хизматрасониҳои электронию иттилоотӣ натиҷаи рушди зарурии инфрасохтори иттилоотии кишвар мебошад. Бинобар ин, гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, ташаккули системаи иттилоотии кишвар, ташкил намудани бойгониҳои иттилоотӣ ва серверҳои иттилоотии ширкатҳои тавлидкунандаи технологияҳои ҷадид ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат имконпазир гардонидани истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ хеле муҳим буда, рушди оянда ҷомеа аз онҳо вобастагии зиёд дорад.

Зарурати истифодабарии василаҳои иттилоотӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, дар заминаи онҳо ба роҳ мондани ташаккули иртиботи сиёсӣ ва аз ҳама муҳим шарту шароити ташаккулёбии ҳукумати электронӣ соли 2012 дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудаанд. Аз ҷумла, Президенти мамлакат вобаста ба ин масъала иброз намудаанд, ки: «Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва дар асоси он ташаккули ҳукумати электронӣ аз масъалаҳои муҳимми замони муосир мебошад. Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода намудани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди системаи иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд» [33].

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ рӯ ба рӯ гардид. Чунин вазъ ба давлату ҳукумат имкон надоданд, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар самти ташаккули инфрасохтори иттилоотии ҷомеа корҳои зарурӣ ва иқдомҳои саривақтӣ анҷом диҳанд. Танҳо баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ва махсусан баъди сипарӣ гардидани давраи баъдиҷангӣ, яъне аз ибтидои солҳои 2000 дар мамлакат ба масъалаи рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ диққати зарурӣ дода шуд. Солҳои 2000 то 2010 дар мамлакат як қатор қонунҳо қабул карда мешаванд, ки онҳо ба масъалаҳои ҷудогонаи системаи иттилоотии мамлакат бахшида шудаанд. Инчунин аз солҳои 2000-ум то инҷониб бо мақсади рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар ва тавсеаи истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ, стратегия ва консепсияҳои соҳавӣ қабул гардидаанд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои сиёсии дар ин самт қабулгардида имкон доданд, ки дар раванди ташаккулёбии василаҳои иттилоотию иртиботӣ марҳилаи сифатан нав ба амал оварда шавад.

Ҳамин тавр, рушди ояндаи мамлакат ва таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии кишвар аз рушди инфрасохтори иттилоотии кишвар, тавсеаи истифодаи василаҳои иттилоотӣ ва зеҳни сунъии пайваст ба шабакаи интернет вобастагии зиёд дорад. Ҳарчанд дар мамлакат заминаҳои ҳуқуқӣ-сиёсии истифодабарии василаҳои иттилоотӣ ниҳодина гардонида шуда бошанд ҳам, як қатор масъалаҳои ҳалталаби соҳа барои рушди зарурии ҷомеаи иттилоотӣ монеа эҷод мекунанд. Аз ҷумла, нарасидани кадрҳои соҳаи технологияҳо иттилоотӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани

малакаҳои касбии мутахассисони соҳаи барномасозӣ, суръати пасти шабакаи интернет, дар сатҳи зарурӣ истифода нагардидани василаҳои иттилоотӣ ва воситаҳои техникии замони муосир дар корхонаю муассисаҳо ва дар фаъолияти касбии кормандон, то ҳанӯз вуҷуд надоштани системаҳо ва порталҳои иттилоотии соҳавӣ мушкилиҳое мебошанд, ки дар оянда наздик бояд ҳаллу фасл гарданд. Инчунин дар пешбурди кору фаъолият таваҷҷуҳи зарурӣ надодан ба истифодаи зеҳни сунъӣ ва автоматикунонии қисме аз амалҳо масъалаҳое мебошанд, ки дар оянда бояд ба таври маҷмуӣ ҳаллу фасл гарданд. Дар алоқамандӣ бо чунин зарурият омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ, муайян намудани хусусиятҳои хосси он, илман асоснок намудани қонуниятҳои ташаккулёбии он яке аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбанд. Масъалаи мазкур дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳанӯз мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода нашудааст. Муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ низ бо чунин шарҳ асоснок карда мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз солҳои 50-уми асри XX инҷониб масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби олимони соҳаҳои гуногуни илм мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Адабиёти илмии дар ин самт таҳиягардидаро шартан ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

**Ба гурӯҳи якум** асарҳои олимону донишмандонеро дохил кардан мумкин аст, ки онҳо аввалин маротиба ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ ва баррасии нишонаҳои ин навъи ҷомеа машғул гардидаанд. Ҷомеашиноси машҳури америкоӣ Д.Белл асосгузори назарияи ҷомеаи пасосаноатӣ ба шумор меравад. Ӯ пешниҳод менамояд, ки ҷомеаи пасосаноатӣ ҷомеаи иттилоотӣ номида шавад. Зеро дар ин навъи ҷомеа мубодилаи дониш ва иттилоот ба воситаи шабакаҳои иттилоотию компютерӣ амалӣ карда мешавад [2].

Назарияи навбатии ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби файласуфи америкоӣ Э.Тоффлер [42] ташаккул дода шудааст. Ӯ низ ба монанди Д.Белл таърихи рушди ҷомеаи инсониро дар шакли се мавҷи тамаддуни инсонӣ баррасӣ намудааст. Мавҷи сеюми рушди тамаддун, ба вуҷуд омадани тамаддуни пасосаноатӣ мебошад, ки он ба пайдоиши фановариҳои пешрафтаи замони муосир асос меёбад. Ба андешаи Э.Тоффлер, ба вуҷуд омадани тамаддуни нав боиси тағйир ёфтани муносибатҳои оилавӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, тағйир ёфтани тарзи пешбурди зиндагӣ ва дар ниҳоят, боиси тағйир ёфтани шуури инсон мегардад.

Яке аз олимони дигаре, ки дар самти омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ саҳми арзанда гузоштааст, ҷомеашинос ва иқтисоддони рус В.Л.Иноземсов мебошад. Ӯ баррасиҳои Д.Белл ва Э.Тоффлерро ба таври амиқу дақиқ таҳлил намуда, назарияи «таҳаввулоти раванди рушди тамаддун»-ро ташаккул додааст. Ба ақидаи В.Л.Иноземсов [3; 14; 15], чи гунае, ки рушди инсон бе таъминоти

моддии он номумкин аст, пешрафти технологӣ низ бе назардошти рушди инсон ғайриимкон аст.

Инчунин олими испаниягӣ М.Кастелс [16; 17; 18] низ дар омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ таҳқиқоти арзишманд анҷом додааст.

Дар Шарқ бори аввал ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ олимони машҳури Япония Й.Масуда ва Ю.Хаяши машғул гардидаанд. Й.Масуда асареро зери унвони «Ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи пасосаноатӣ» нашр намудааст [45].

Ҳамин тариқ, андешаҳои Д.Бел, Э.Тоффлер, В.Иноземсев, М.Кастелс, Й.Масуда ва Ю.Хаяши дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи мутамаддин заминаи хуб фароҳам оварда, консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотиро ташаккул додаанд.

**Гурӯҳи дуюми** асарҳои илмиро таҳқиқоти олимоне ташкил медиҳанд, ки дар тӯли се даҳсолаи охир ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардидаанд. Ин гурӯҳи олимон бевосита ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардида, дар таҳқиқоти худ ин масъаларо ба сифати объекти таҳқиқот қарор додаанд.

Чунончӣ, дар таҳқиқоти илмии М.Ф. Фридман [43] моҳият, хусусият, нишонаҳо ва аломатҳои ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Олими немис Г.Бехман [4] шаклҳои мухталифи ҷомеаи иттилоотиро ба таври зерин муаррифӣ ва маънидод намудааст: ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун иқтисоди иттилоотӣ; ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи пасосаноатӣ; ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун ҷомеаи донишгаро.

Муҳаққиқи рус О.Ф. Волочаева [7] раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро мавриди омӯзиш қарор дода, қайд менамояд, ки афзалият пайдо намудани «меҳнати фикрӣ» нисбат ба «меҳнати дастӣ» заминаи асосии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

И.С. Мелюхин [25] дар таҳқиқоти худ нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар пешбурди кору фаъолият нишон додааст. Ӯ иброз медорад, ки соҳаи саноат, энергетика, соҳаҳои хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт бе истифодаи технологияҳои мазкур фаъолияти худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда наметавонанд ва дар раванди рақобат мавқеи шоистаи худро аз даст медиҳанд.

А.А. Моргунов [26] бошад ба нишонаҳои муҳимтарини ҷомеаи иттилоотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онҳоро вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ асоснок намудааст. Ӯ муътақид аст, ки дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар соҳаҳои хоҷагидорӣ, идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дигар соҳаҳо нақши иттилоот ва омили иттилоотӣ хеле боло меравад.

Файласуфони шинохтаи рус А.И. Ракитов рушди ҷомеаи иттилоотиро бо беҳтар намудани фаъолиятҳои ҳаётии инсон ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо алоқаманд менамояд. Ба андешаи ӯ, ҷомеаи иттилоотӣ ҷомеае мебошад, ки дар он ҳамаи технологияҳои иттилоотӣ – компютер, низомҳои иттилоотӣ, алоқаҳои ноқилӣ, маҳворавӣ ва навъҳои дигари алоқа, дастгоҳҳои видеоӣ, барномаҳои компютерӣ ва таҳқиқоти илмӣ барои дастраси ҳамагон гардонидани иттилоот бояд хизмат намоянд, то ки иттилоот ва маълумоти зарурӣ дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ва дар ҳаёти ҳаррӯзаи одамон ба таври фаъол истифода бурда шаванд [37].

Чунин тарзи баррасии масъала дар асарҳои илмию таҳқиқотии А.А. Соколов [41], И.Н. Курносов [19], Н.В. Литвак [21], С.А. Юрикова [44], С.А. Дятлов [10], А.Н. Лаврухин [20], Ю.В. Маркина [23] ва чанде дигарон низ дида мешавад, ки онҳо аҳамияти зиёди илмию назариявӣ доранд.

**Гурӯҳи сеюмро** асарҳои олимоне ташкил медиҳанд, ки дар раванди омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ дар таҳқиқоти худ ба омилҳои сиёсии ин масъала таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо муайян намудани нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ ва рушди ҳукумати электронӣ низ, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Муҳаққиқи рус А.А. Голубева [8] шарту шароити ташаккулёбии ҳукумати электрониро мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин раванд афзалият пайдо намудани як қатор самтҳои фаъолиятро баррасӣ намудааст. Чунончӣ, идоракунии электронӣ, ба роҳ мондани муносибати электронӣ бо шаҳрвандон ва пешниҳод намудани хизматрасониҳои электронӣ, рушди ҷомеаи иттилоотӣ аз он қабил фаъолиятҳо ба шумор мераванд.

Ба андешаи М.Ю. Павлютенкова ва А.А. Сваруп [32], дар мазмуни маҳдуд шарҳ додани ҳукумати электронӣ ва танҳо ба соҳаи идоракунии давлатӣ алоқаманд намудани он одатан хосси ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Аммо дар мазмуни васеъ ҳукумати электронӣ масъалаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки дар амал татбиқ гардидани онҳо дар ниҳояти кор боиси рушди ҷомеаи иттилоотӣ мегардад.

Роҷеъ ба моҳияти ҳукумати электронӣ муҳаққиқи рус М.С.Вершинин андешаи ҷолиберо пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, ҳукумати электронӣ «системаи муколамаи давлат ва аҳолӣ бо истифода аз шабакаи интернет» мебошад [5]. Дар чунин маврид дар заминаи истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ тағйирёбии шакли идоракунии давлатӣ ва дар шакли ҷадид ба роҳ мондани муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назар дошта мешавад.

Л.В. Сморгунов раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро мушоҳида намуда, як қатор хулосаҳои ҷолиби диққат пешниҳод намудааст. Ӯ муътақид аст, ки дар системаи идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ ва ташаккулёбии низомҳои нави идоракунии давлатӣ, аз ҷумла ташаккулёбии ҳукумати электронӣ яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани системаи идоракунии давлатӣ ба шумор мераванд [40].

Дар ин самт инчунин таҳқиқоти А.В. Волокитин [6], И.Н. Курносов [6], М.А. Положихина [34], А.В. Манойло, А.И. Петренко, Д.Б. Фролов [22] ва дигарон хеле аҳамиятнок мебошанд.

**Гурӯҳи чорумро** асарҳои олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти олимону муҳаққиқони ватанӣ масъалаҳои ҷудогонаи соҳаи иттилоот, аз қабили амнияти иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ, кибертерроризм ва монанди инҳо омӯхта шудаанд.

Чунончӣ, А.Н. Муҳаммад [27] дар таҳқиқоти худ бештар ба масъалаи амнияти иттилоотӣ ва киберҷиноятҳо, аз қабили кибертерроризм, киберэкстремизм, тарғибу ташвиқи ғояҳои террористию экстремистӣ тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳуҷумҳои иттилоотӣ диққати бештар додааст.

Х.Қ. Сафарализода [38] ба масъалаҳои кибертерроризм ва киберэкстремизм таваҷҷуҳ намуда, онро ҳамчун натиҷаи рушди технологияҳои иттилоотӣ медонад. Инчунин дар таҳқиқоти ӯ, зарурати рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ нишон дода шудаанд.

Муҳаққиқони ватанӣ Х.У. Идиев [13] ва Р.Л. Давлатов [9] омилҳои фарҳангию маънавии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотиро баррасӣ намуда, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро ҳамчун омили баҳамназдикшавии фарҳангҳо муаррифӣ кардаанд.

Дар рисолаҳои илмии А.Х. Ибодов [12], П.А. Маҳмадов [24] ва Қ.И. Сафиев [39] паҳлуҳои гуногуни амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, вобаста ба рушди системаи иттилоотии мамлакат ва таъмини амнияти он, самаранок истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои иттилоотӣ хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод гардидаанд.

Чунин андешаҳои ҷолиби диққатро дар асарҳои илмии С.А. Раҷабов [36] ва О.С. Обидзода [29] ва дигарон низ мушоҳида намудан мумкин аст.

**Гурӯҳи панҷумро** асарҳои он олимону муҳаққиқоне ташкил медиҳанд, ки онҳо дар корҳои илмию таҳқиқоти худ ба масъалаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ, ҳукумати электронӣ ва истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд ва масъалаҳои

мазкурро ба таври умумӣ баҳогузорӣ намудаанд. Дар миёни онҳо мақолаҳои илмию таҳқиқотии чунин муҳаққиқон, ба монанди Т.В. Ершова, Ю.Е. Хохлов [11], А.С. Ниёзов, И.С. Шамсов [28] ва дигарон барои баррасии баъзе аз паҳлуҳои масъалаи мазкур аҳамиятнок мебошанд.

Аммо дар маҷмуъ ҳанӯз ҳам масъалаи ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври алоҳида таҳқиқ нагардидааст ва объекти таҳқиқоти илмӣ қарор наёфтааст, ки чунин вазъият муҳиммияти омӯзиши ин масъаларо боз ҳам бештар менамояд. Таҳқиқоти мазкур барои мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм, ки ба омӯзиши самтҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ машғуланд, заминаи илмию назариявӣ фароҳам меорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчубаи иҷроиши мавзуи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав «Равандҳои сиёсӣ дар замони ҷаҳонишавӣ: ҷанбаҳои дохилӣ ва берунӣ» (барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025) гузаронида шудааст. Инчунин диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ бо мавзуъҳои пешбининамудаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, таҳти № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат менамояд. Дар қарори мазкур «иттилоотикунонӣ», «ҳукумати электронӣ», «амнияти иттилоотӣ», «кибертерроризм», «киберҷиноятҳо» ва ғ. барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот –** таҳқиқи хусусиятҳои бевоситаи раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо назардошти дигаргуниҳои сиёсию технологии замони муосир нишон додани дурнамои рушди он.

Ҷиҳати расидан ба натиҷаҳои таҳқиқот ва амалӣ кардани мақсади таҳқиқот иҷро гардидани **вазифаҳои** зерин пеш гузошта шудаанд:

– дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ҷомеаи иттилоотӣ ва нишон додани мазмуну моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи он;

– дар асоси омӯзиши қонуниятҳои рушди ҷомеаҳои муосир муайян намудани заминаҳои асосии инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва самтҳои гуногуни он;

– муайян намудани нақш ва мавқеи давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва асоснок намудани омилҳои сиёсии он;

– нишон додани аҳамият ва зарурияти истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар низоми идоракунии давлатӣ;

– мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додани шарту шароит ва заминаҳои асосии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– баррасии мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** – раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар шароити муосир.

**Предмети таҳқиқот –** заминаҳои пайдоиш, монеаҳо, мушкилот, дурнамои рушд ва хусусиятҳои хосси тағйирёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарзияи таҳқиқот.** Дар ҷаҳони муосир ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба воқеият ва талаботи давру замон табдил ёфтааст. Гузашта аз ин, рушди ҳукумати электронӣ шарти муҳимми ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Тибқи муқаррароти назарияи ҷомеаи иттилоотӣ - ҳукумати электронӣ низоми ҳамкории давлат ва шаҳрвандон тавассути интернет мебошад. Дар шароити ҳукумати пешрафтаи электронӣ хусусиятҳои зеринро мушоҳида кардан мумкин аст: Дар сатҳи баланд истифода гардидани василаҳои иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла порталҳои интернетии давлатӣ ва системаҳои иттилоотӣ барои расонидани хидматҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо. Истифодаи васеи технологияҳои мазкур дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлатӣ. Ин имкон медиҳад, ки ҳамкории байни институтҳои давлатӣ дар заминаи технологияҳои ҷадид ба роҳ монда шавад, истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар муносибатҳои байни давлат ва шаҳрвандон, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таъмини самаранокии фаъолияти ҳукумат ва ташаккули назорати ҷамъиятӣ рушд ёбад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур солҳои 2017-2020 дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот дигаргуниҳои технологию иттилоотии се даҳсолаи охир ҳамчун омили таъсиррасон ба ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ интихоб гардидааст. Асосан, рӯ овардани давлатҳо ва ҳукуматҳо ба технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор додани технологияҳои мазкур, бахусус ташаккули ҳукумати электронӣ маҳз се даҳсолаи охир ба амал омад. Дар ин давра инчунин масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии ҷиноятҳои иттилоотию кибернетикӣ мубрам гардид. Давлатҳои замони муосир дар дуроҳаи таъмини амнияти иттилоотӣ қарор гирифтаанд. Аз як ҷониб рушди ҷомеаи иттилоотӣ кафили рушди соҳаҳои

дигар ба шумор меравад. Аммо аз ҷониби дигар бо рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа хавфу хатари таҳдидҳои иттилоотӣ, ҳуҷумҳои киберӣ ва киберҷиноятҳо меафзояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти мазкур муаллиф ба назарияҳои классикӣ ва замони муосир такя намуда, қонуниятҳои рушди ҷомеаи иттилоотиро бо назардошти онҳо муайян намудааст. Дар диссертатсия назарияҳои «пасосаноатӣ», «ҷомеаи донишгаро», «мавҷи сеюм», «иртиботи оммавӣ», «иқтисоди иттилоотӣ», «ҳукумати электронӣ» ва ғайраҳо ба таври васеъ истифода гардидаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот методҳои муқоисавӣ, таҳлили системавӣ, вазифавӣ, сохторӣ, навъбандӣ, таҳлил ва таҷзия ба таври васеъ истифода гардидаанд. Таҳлил ва таҷзия имкон доданд, ки таърифҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, хусусиятҳои бевоситаи онҳо нишон дода шаванд. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар ин давлатҳо шароити хуби методологӣ фароҳам овард. Навъбандӣ барои муайян намудани навъҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ ва қонуниятҳои рушди онҳо хеле мувофиқ ба шумор меравад. Таҳлили системавӣ ва методи вазифавӣ барои омӯзиши унсурҳои таркибии ҷомеаи иттилоотӣ шароити мусоид фароҳам оварда, ба воситаи он таркиби ҷомеаи иттилоотӣ ва тағйирёбии мундариҷаи системаи иттилоотии мамлакат муайян карда шуд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот методи диалектикӣ низ истифода гардидааст. Бо ёрии ин метод ҷомеаи иттилоотӣ дар қолаби рушди таърихӣ баррасӣ гардида, занҷираи «ҷомеаи аграрӣ - ҷомеаи саноатӣ - ҷомеаи пасосаноатӣ» ҳамчун қонунияти диалектикӣ дониста шуда, ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди инсоният муаррифӣ гардидааст.

**Пойгоҳи иттилоотии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот инчунин як қатор сарчашмаҳои иттилоотӣ низ истифода бурда шудаанд, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст.

**Гурӯҳи якумро** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҳуҷатҳои аз ҷониби ниҳодҳои давлатӣ қабулшуда ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, ба ин гурӯҳ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва дигарон дохил шудаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** осори бунёдии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташкил медиҳанд. Дар асарҳои мазкур дигаргуниҳои ҷаҳони муосир, тавсияҳо барои истифодаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти таҳқиқи давлатдории миллӣ, таҳкими пояҳои ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, омода намудани кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ, рушди илмҳои дақиқ ва техникӣ, истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, забономӯзии ҷавонон ва ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ дар замири ҷавонон ва наврасон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсияи мазкур бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ, хусусиятҳои хоси он ва раванди ташаккулёбии ин навъи ҷомеа мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар раванди таҳқиқот масъалаҳои асосӣ дар алоқамандӣ бо объект ва предмети таҳқиқот мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

– назарияҳои сиёсӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шуда, дар заминаи таҳлили онҳо моҳият, хусусият ва инчунин нишонаҳои аввалиндараҷаю дуюмдараҷаи ҷомеаи иттилоотӣ баррасӣ гардидаанд;

– раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, хусусиятҳои муҳимми он муайян карда шудаанд;

– нақш ва мавқеи давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва системаи иттилоотии мамлакат вобаста ба рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инчунин, таъмини амнияти иттилоотии кишвар нишон дода шудаанд;

– дар радифи ташаккулёбии ҳукумати электронӣ нақш ва мавқеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонии давлат муайян карда шудаанд;

– раванди ташаккулёбии системаи иттилоотӣ ва заминаҳои пайдоиш ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд;

– мушкилоте, ки дар самти ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа эҷод мекунанд, муайян карда шуда, дар асоси онҳо дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушди ҷомеа мебошад ва барои таъмини рушди устувори он ташаккули ҳамаҷонибаи ин модел зарур аст. Дар назарияҳои классикӣ ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳилаи навбатии рушди инсоният ва ҷомеаи пасоиндустриалӣ баррасӣ карда мешавад. Аммо назарияҳои муосир ба хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ диққати бештар дода, онҳоро ба таври зерин муайян мекунанд: дараҷаи баланди компютеркунонии

соҳаҳои гуногуни ҳаёт; ташаккули системаи иттилоотӣ; мавҷудияти маълумоти зарурӣ; табдил додани системаҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ба манбаи муҳими сиёсию ҷамъиятӣ; ҳузури ҳукумат дар шабакаи интернет ва таъсиси ҳукумати электронӣ; оғози ташаккулёбии вебсайтҳо ва системаҳои иттилоотӣ; татбиқи хидматҳои электронӣ дар соҳаҳои гуногун.

2. Рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди соҳаҳои илм, маориф, навоварии техникӣ, рушди иқтисодиёт, мундариҷаи саноати иттилоотӣ, фарҳанг ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд. Истифодаи телефонҳои мобилӣ, компютерҳои фардӣ, телевизионҳои рақамӣ, шабакаи интернет ва дигар технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тарзи пешбурди ҳаёт, кору фаъолият, таҳсилу фароғат ва муоширати одамонро ба куллӣ тағйир медиҳанд. Василаҳои иттилоотию иртиботӣ унсури муҳимтарини системаи ҷомеа ба шумор меравaнд, аз ин рӯ на танҳо пешрафти технологӣ, балки пешрафти иҷтимоӣ, рақобатпазирии иқтисодии мамлакат, мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, нақши давлат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, имконият ва қобилияти рушди ниҳодҳои демократӣ, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ ва ғайраҳо аз онҳо вобастагӣ пайдо намудаанд.

3. Сиёсати иттилоотонии давлат метавонад то дараҷаи зарурӣ рушди ҷомеаи иттилоотиро таъмин намояд. Сиёсати иттилоотонӣ хусусияти сифатӣ дорад ва дигаргуниҳои ҷомеа аз миқёси истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста мебошад. Сиёсати иттилоотонӣ фаъолияти давлатие мебошад, ки барои дастраси кулли ҷомеа гардонидани иттилооти зарурӣ ба амал баровaрда мешавад. Дар маҷмӯъ иттилоотониро раванди дар соҳаҳои гуногун сохта ба истифода додани низомҳои иттилоотӣ муаррифӣ намудан мумкин аст. Чунин навъи сиёсат аввалин маротиба солҳои 70-80-уми қарни гузашта дар як қатор давлатҳои Европаи Ғарбӣ, Америка ва Япония амалӣ шуда буд. Аллакай дар ибтидои асри XXI як қатор давлатҳои пешрафта барномаҳои миллии ҷомеаи иттилоотиро ташаккул додаанд, ки дар заминаи он рушди ҷомеаи худро марҳила ба марҳила таъмин менамоянд.

4. Дар охири асри XX дар раванди фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавриди истифода қарор додани василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба мушоҳида мерасад. Чунин иқдом яке аз воситаҳои ташаккулдиҳии системаи идоракунии давлатӣ ва сиёсати давлатӣ дониста мешавад. Бо ин мақсад дар давлатҳои Ғарб дар заминаи истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ назарияи «New Public Management» (NPM) ташаккул дода мешавад. Чунин иқдом яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани системаи идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Дар охири солҳои 1990 ва

ибтидои солҳои 2000 вобаста ба меъёрҳои ташкили идоракунии давлатӣ муносибати нав ба вуҷуд оварда мешавад, ки онро «Good Governance», яъне идоракунии хуб ва ё дар сатҳи зарурӣ ба амал баровардани идоракунии давлатӣ номидан мумкин аст. Каме дертар дар зери таъсири рушди бемайлони василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва баланд гардидани иқтидору имконияти техникию технологии онҳо назарияи «e-government» (ҳукумати электронӣ) ташаккул меёбад ва дере нагузашта дар ҷаҳони сармоядорӣ ва давлатҳои демократӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо менамояд. Баъди ташаккулёбии назарияи мазкур маълум гардид, ки дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтани василаҳои иттилоотию иртиботӣ набояд ҳамчун механизми ислоҳоти маъмурӣ баррасӣ гардад, балки ин раванд бояд воситаи гузариш аз як марҳила ба марҳилаи дигари идоракунии давлатӣ дониста шавад.

5. Ҳарчанд заминаҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду даҳсола пеш оғоз гардида бошад ҳам, дар шароити муосир, ки рушди бемайлони василаҳои иттилоотию иртиботӣ ба мушоҳида мерасад, барои мамлакат ташаккул додани назарияи ҷомеаи иттилоотӣ хеле зарур мебошад. Нақш ва мавқеи давлат дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ, иқтидори рақобатпазирии мамлакат, рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа, рушди шахсият, сатҳу сифати зиндагӣ, рушди саноати иттилоотии мамлакат, рушди фарҳанг ва забони давлатӣ, таҳкими ягонагии иттилоотии мамлакат ва дар маҷмӯъ рушди системаи иттилоотии мамлакат аз мавҷудияти консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ ва меъёрҳои мушаххаси он вобастагии зиёд доранд. Солҳои 2000 то 2010 дар мамлакат як қатор қонунҳо ва қарорҳо қабул гардиданд, ки онҳо ба масъалаҳои ҷудогонаи системаи иттилоотии мамлакат бахшида шудаанд. Тавре таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшуда нишон медиҳад, масъалаи рушди ҳукумати электронӣ ва рушди василаҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Аммо рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон ва истифодаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии худ қарор доранд ва дар самти истифодабарии онҳо ҳанӯз ҳам монеаҳои ҷиддӣ мавҷуданд.

6. Дар замони муосир рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз сатҳу сифати истифодабарии василаҳои иттилоотию иртиботӣ вобаста мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи василаҳои иттилоотӣ дар марҳилаҳои аввал қарор дорад ва дар оянда низ рушди онҳо ба амал хоҳад омад. Аммо рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ ва истифодаи онҳо дар соҳаҳои гуногун, махсусан дастраси умум гардидани шабакаи интернет, дар баробари таъмини рушду инкишоф, инчунин як қатор мушкилиҳоро ба миён овардааст. Дар

миёни онҳо кибертерроризм ва киберэкстремизм зуҳуроте мебошанд, ки дар заминаи истифодаи василаҳои иттилоотии замони муосир зоҳир мегарданд ва ба амнияти миллӣ таҳдид менамоянд. Ба мавҷудияти ҳамаи ин мушкилиҳо, бахусус хавфу хатари фазои иттилоотии ҷомеа нигоҳ накарда бояд рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба амал бароварда шавад ва дар самти ташаккулёбии он шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Аммо дар кишвар раванди ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ гаштааст. Пеш аз ҳама, норасоии мутахассиони соҳаи василаҳои иттилоотию иртиботӣ, дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани малакаҳои касбии барномасозон, сатҳи пасти саводнокии компютерии шаҳрвандон, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир накардан ба истифодаи зеҳни сунъӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, сохтану мавриди истифода қарор нагирифтани порталҳои иттилоотии миллӣ ва монанди аз ҷумлаи ин мушкилиҳо ба ҳисоб мераванд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои назариявие, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, барои омӯзиши минбаъдаи масъалаҳои гуногуни ҷомеаи иттилоотӣ аҳамияти илмию методологӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот ва маводи диссертатсияро дар раванди таълими фанҳои сиёсатшиносӣ, амнияти миллӣ, амнияти иттилоотӣ, ҷомеашиносӣ ва монанди инҳо метавон истифода бурд. Инчунин маводи диссертатсия барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва барномаҳои таълимии фанҳои зикргардида низ метавонанд истифода гарданд.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои амалии муаллиф метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд. Хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро дар самти таҳияи барномаҳои давлатӣ ва стратегияҳои рушди василаҳои иттилоотию иртиботӣ истифода намудан мумкин аст. Тавсияҳои амалии довталаб ва хулосаҳои диссертатсия барои ҳалли масъалаҳои марбут ба инфрасохтори иттилоотии ҷомеа метавонанд мусоидат кунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур доираи васеи адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Довталаби дараҷаи илмӣ дар коркарди ҷанбаҳои назариявию методологии объекти таҳқиқот назарияҳои илмӣ ва консепсияҳои методологии олимони ватанию хориҷиро фаровон истифода бурдааст. Инчунин дар таҳқиқот барои асоснок намудани тезисҳои диссертатсия санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, оморҳои аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ таҳияшуда, нишондоди рейтингҳои байналмилалӣ, маводи расонаҳои хабарии ватанию хориҷӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатиро низ истифода кардааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон)» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Дар банди 6-уми шиносномаи ихтисоси мазкур «Афзудани нақши воситаҳои ахбори омма дар шароити татбиқшавии ҷомеаи иттилоотӣ» ва «Воситаҳои ахбори омма ва масъалаҳои амнияти иттилоотӣ» барои таҳқиқ пешбинӣ гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шуда, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи довталаб ба шумор меравад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, бо қарори маҷлиси кафедраи мазкур барои ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои диссертатсия ва тавсияҳои муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 2 конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯза шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқот дар 1 монография, 6 мақолаи илмӣ ва 2 маърузаи илмии довталаб инъикос гардидаанд. Мақолаҳои илмии довталаб дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Дар матни диссертатсия 7 ҷадвал ҷойгир карда шудаанд. Номгӯйи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 163 ададро ташкил медиҳанд.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд. Инчунин, дар муқаддима

асосҳои методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, бандҳои муҳимми барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Ҷанбаҳои назариявию методологии омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ»,** ба таҳқиқи асосҳои илмию назариявӣ ва хусусиятҳои консептуалии масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар он бо дарназардошти мазмуну муҳтавои консепсияҳои классикӣ ва дар заминаи таҳлили назарияҳои илмии замони муосир мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шуда, нишонаҳо ва хусусиятҳои муҳимми ин навъи ҷомеа муайян гардида, заминаҳои рушду инкишофи он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби якум – **«Мафҳум ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ»,** бевосита ба омӯзиши хусусиятҳои умумӣ ва мазмуну муҳтавои асосии ҷомеаи иттилоотӣ бахшида шуда, дар доираи ин зербоб таҳқиқоти дар ин соҳа анҷомёфта ва ба масъалаи мазкур бахшидашуда баррасӣ гардидаанд.

Дар таҳқиқоти мазкур қайд мегардад, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI як қатор олимону муҳаққиқон вобаста ба рушду инкишофи ҷомеаҳои мутамаддин ва инчунин дар бораи ояндаи ҷомеаҳои мазкур андешаронӣ намуда, дар доираи таҳқиқоти худ консепсияҳои гуногуни илмиро ташаккул додаанд. Дар миёни онҳо консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, паҳлуҳои гуногун ва хусусиятҳои муҳимми ҷомеаҳои мутамаддинро ифода менамояд. Зеро дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дигаргуниҳои технологӣ, пешрафти иқтисодӣ, тағйирёбии сохтори иҷтимоӣ ва рушди ҷомеа ба амал меояд. Дар солҳои 80-ум аллакай консепсияи «ҷомеаи иттилоотӣ» яке аз назарияҳои афзалиятноки ҷомеаи постиндустриалӣ дониста мешавад. Ба андешаи намояндагони назарияи мазкур, пешрафти илмӣ-техникӣ боиси ба вуҷуд омадани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва самаранок гардидани истеҳсоли донишҳои илмӣ мегардад, ки дар натиҷа суръати рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеаҳои муосир меафзояд.

Дар миёни олимону назариячиёни масъалаи ҷомеаи иттилоотӣ андешаҳои ҷомеашиносони шинохта Д.Белл, Э.Тоффлер ва В.Л.Иноземсев хеле ҷолиб мебошанд. Олимони мазкур ба омӯзиши ҷомеаҳои пасосаноатӣ ба таври ҷиддӣ машғул гардида, дар асарҳои илмии худ паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо таҳлилу таҳқиқ кардаанд, ки андешаҳои онҳо барои дарки ҷомеаи иттилоотӣ хеле арзишманданд. Дар таҳқиқоти олимони мазкур ҷомеаи иттилоотӣ ҳамшабеҳи ҷомеаи постиндустриалӣ дониста мешавад.

Ҷомеашиноси машҳури америкоӣ Дэниел Белл асосгузори назарияи ҷомеаи постиндустриалӣ ба шумор меравад. Ӯ дар асоси таҳлили се марҳилаи

рушди таърих консепсияи худро ташаккул додааст. Ба ақидаи Д.Белл, тамаддуни инсонӣ се марҳилаи асосии рушду инкишофро аз сар гузаронидааст: 1) тосаноатӣ; 2) саноатӣ ва 3) пасосаноатӣ. Ба андешаи ӯ, дар ҷомеаи тосаноатӣ муносибати инсон бо табиат хеле сода ба назар мерасад. Зеро дар чунин навъи ҷомеа барои қонеъ намудани талаботи инсон усулҳои анъанавии меҳнат ва меҳнати ғайрикасбӣ истифода гардида, онҳо аз насл ба насл интиқол дода мешуданд. Дар ин марҳилаи тамаддун одамон маҳсулоти бадастовардаи худро бе коркарди иловагӣ истифода мебурданд. Дар ҷомеаи саноатӣ бошад, аллакай дар байни одамон ва табиати ба тағйирот дучоршуда муносибати мутақобила барқарор гардида, маҳсулоти бадастомада дар шароити истеҳсолоти сунъӣ мувофиқ бо шавқу завқи одамон коркард гардида, ин соҳа ба воситаи мутахассисони касбӣ ва таъминоти техникию энергетикӣ ташаккул дода мешавад. Дар ҷомеаи пасосаноатӣ бошад, муносибатҳои мутақобилаи байни одамон афзалияти бештар касб намуда, рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ аз худи одамон вобаста мегардад. Дар ҷомеаи мазкур муҳандисон ва олимон қувваҳои пешбарандаи ҷомеа ба шумор рафта, иттилоот ва дониш манбаи асосии пешрафти ҷамъиятӣ дониста мешаванд. Д.Белл пешниҳод менамояд, ки ҷомеаи пасосаноатӣ ҷомеаи иттилоотӣ номида шавад.

Консепсияи навбатии ҷомеаи иттилоотӣ аз ҷониби файласуфи амрикоӣ Элвин Тоффлер ташаккул дода шудааст. Ӯ низ ба монанди Д.Белл таърихи рушду инкишофи ҷомеаи инсониро дар шакли се мавҷи тамаддуни инсонӣ баррасӣ намудааст. Мавҷи аввалро тамаддуни тоиндустриалию аграрӣ номидааст. Ба андешаи Э.Тоффлер, дар ин марҳилаи рушди тамаддун, ки тахминан аз асри VIII т.м. то солҳои 1650-1750-ро дар мегирад, меҳнати дастӣ афзалиятнок дониста мешуд. Мавҷи дуюми рушди тамаддун ба пайдоиш ва рушду инкишофи ҷомеаи индустриалӣ рост меояд, ки аз миёнаҳои асри XVII оғоз гардида, то миёнаҳои асри XX идома ёфтааст. Ба андешаи Э.Тоффлер дар ҷомеаи индустриалӣ шумораи кормандони соҳаҳои хизматрасонӣ афзун гардида, онҳо рушди соҳаҳои мазкурро таъмин менамоянд. Мавҷи сеюми рушди тамаддун бошад, ба вуҷуд омадани тамаддуни постиндустриалӣ мебошад, ки он бо пайдоиши технологияҳои пешрафтаи замони муосир асос меёбад. Ба андешаи Э.Тоффлер, ба вуҷуд омадани тамаддуни нав боиси тағйир ёфтани муносибатҳои оилавӣ, муносибатҳои меҳнатӣ, тағйир ёфтани тарзи пешбурди зиндагӣ ва ниҳоятан боиси тағйир ёфтани шуури инсон мегардад.

Яке аз олимоне, ки дар самти омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ саҳми арзанда гузоштааст, ҷомеашинос ва иқтисоддони рус В.Л.Иноземсов мебошад. Ӯ баррасиҳои Д.Белл ва Э.Тоффлерро ба таври амиқу дақиқ таҳлил намуда, консепсияи «таҳаввули раванди рушди тамаддун»-ро ташаккул додааст. Ба

ақидаи В.Л.Иноземсов,  чи гунае, ки рушди инсон бе таъминоти моддии он номумкин аст, пешрафти технологӣ низ бе назардошти рушди инсон ғайриимкон аст. Ӯ низ ба монанди Д.Белл ва Э.Тоффлер таърихи инсониятро ба се марҳилаи асосӣ тақсим намудааст: марҳилаи тоиқтисодӣ, иқтисодӣ ва баъдииқтисодӣ. Ба андешаи ӯ, то пайдоиши иқтисодиёт фаъолнокии меҳнати одамон хеле паст буд ва онҳо доимо барои зинда мондан мубориза мебурданд. Аммо баъди пайдоиши иқтисодиёт одамон ба меҳнати бошуурона машғул гардида, барои беҳтар намудани шарту шароитҳои зиндагӣ ва кору фаъолият кӯшиш намудаанд. Дар марҳилаи сеюм, ки ба замони муосир рост меояд, рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби одамони дорои зеҳну тафаккури баланд таъмин карда мешавад. Дар замони муосир низ як қатор олимону муҳаққиқон ба омӯзиши ҷомеаи иттилоотӣ машғул гардида, рушди ояндаи мамлакат ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагӣ ва шарту шароити кору фаъолиятро аз он вобаста донистаанд.

Ҷомеаи иттилоотӣ консепсияест, ки марҳилаи нави рушди тамаддунро тавсиф мекунад, дар он иттилоот ва дониш манбаи асосӣ ва қувваи пешбарандаи пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. Дар чунин ҷомеа истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии иттилоот афзалият пайдо мекунад ва технологияҳои иттилоотӣ тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро мегиранд. Моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ аз он иборат аст, ки тарзи анъанавии истеҳсолоти моддӣ ба тарзи истеҳсол ва истеъмоли иттилоот табдил дода мешавад. Ин боиси тағйири сохтори шуғл, пайдоиши касбҳои нави марбут ба технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши аҳамияти таълим ва омӯзиши пайваста барои мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбанда мегардад. Хусусиятҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ дараҷаи баланди компютеркунонӣ ва автоматизатсия, инфрасохтори пешрафтаи иттилоотӣ, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), инчунин дастрасии озод ба иттилоот мебошанд. Ҷанбаи муҳим инчунин ташаккули фарҳанги рақамӣ ва баланд бардоштани саводнокии иттилоотии аҳолӣ мебошад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ иттилоот на танҳо захира, балки омили муайянкунандаи рақобатпазирии кишварҳо ва корхонаҳои алоҳида мегардад. Навоварӣ ва технологияҳои нав, ки ба иттилоот ва дониш асос ёфтаанд, ронандаи асосии рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагӣ мешаванд. Аммо, ҷомеаи иттилоотӣ як қатор мушкилотро ба монанди фосилаи рақамӣ, масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи ТИК дорад. Бартараф кардани ин мушкилот саъйи мақсадноки давлат, соҳаи тиҷорат ва умуман ҷомеаро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳлили назарияҳои илмӣ ва консепсияҳои ҷомеаи иттилоотӣ нишон медиҳад, ки мафҳумҳои «ҷомеаи постиндустриалӣ» ва

«ҷомеаи иттилоотӣ» муродифи якдигар буда, асри иттилоотӣ, инқилоби иттилоотӣ ва постиндустриализм нишонаҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ мебошанд.

Зербоби дуюми боби якум – **«Заминаҳои асосии рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва хусусиятҳои онҳо»,** ба омӯзиши раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, қонуниятҳо, заминаҳои рушду инкишофи он ва хусусиятҳои муҳимми ин раванд бахшида шудааст. Дар ин қисми диссертатсия қайд мегардад, ки рушди ҷомеаи иттилоотӣ бо рушди телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотӣ робитаи қавӣ дорад, аммо дар баробари ин рушди соҳаҳои дигар ва махсусан сиёсати давлатӣ дар ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Дар мамлакатҳои гуногун раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар як марҳилаи таърихӣ оғоз нагардидааст. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар солҳои 50-60-ум, дар Ҷопон 10-15 сол дертар аз ин, дар Европаи Ғарбӣ дар солҳои 70-уми асри гузашта оғоз гардидааст. Дар давлатҳои Европаи Шарқӣ ва давлатҳои нисбатан тараққикардаи осиёӣ ин раванд солҳои 1990 оғоз мегардад. Аммо дар аксари давлатҳои африқоӣ, осиёӣ ва як қатор давлатҳои Амрикои Лотинӣ ин раванд ҳанӯз ҳам оғоз нагардидааст ва ё барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардидани он заминаҳои мусоид ба вуҷуд наомадаанд. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои муҳимтарини асри иттилоотиро дар як вақт мавҷудияти ҷомеаҳои тосаноатӣ, саноатӣ ва иттилоотӣ ташкил медиҳанд.

Муваффақиятҳои шахсони алоҳида, самаранокии фаъолияти коллективҳои меҳнатӣ ва пешрафти ҷомеаҳои алоҳида аз сатҳу сифати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии замони муосир вобастагӣ доранд. Чунин равандро, ки дар пайи худ тағйиротҳои сифатиро фаро мегирад, бешубҳа раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст. Дар чунин шароит ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии мамлакат ва системаи иттилоотии ҷаҳонӣ дар назар дошта мешавад, ки дар натиҷаи он рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, тағйирёбии мавқеи ташкилоту муассисаҳо, либерализатсияи қонунҳо, баланд гардидани нақш ва мавқеи донишҳои илмию назариявӣ, пайдоиши шаклҳои нави демократияи электронӣ, пайдоиш ва ташаккулёбии ҳукумати электронӣ, дигаргунии сохторӣ дар шуғли аҳолӣ ва монанди инҳо ба вуқӯъ меоянд.

Албатта, чунин заминаҳо на дар ҳама ҷо ва на дар ҳама давлатҳои олам якхела ба назар мерасанд. Зеро қисми зиёди давлатҳо марҳилаҳои ибтидоии ин давраи гузаришро ҳанӯз ҳам тай накардаанд. Аммо новобаста аз чунин вазъият як қатор равандҳо, аз қабили ҷаҳонишавии ҳаёти иқтисодӣ, аз байн рафтани монеаҳои идеологӣ, рушди босуръати технологияҳои мухталиф, аз ҷумла

рушди ТИК, муҳлати чунин давраи гузаришро зери фишор қарор дода, ба таври ногузир ин ё он ҷомеаро бо дигаргуниҳои сифатӣ мувоҷеҳ месозад.

Дар замони муосир суръати ба амал омадани дигаргуниҳо ончунон баланд мебошад, ки одамон бо шароитҳои ҷомеаи иттилоотӣ замоне метавонанд худро мутобиқ гардонанд, ки агар дар ин навъи ҷомеа раванди омӯзиш ва таълим дар тӯли ҳаёт ба роҳ монда шуда бошад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ инсон барои он ки мавқеи худро дар раванди рақобат нигоҳ дошта, афзалиятҳои худро ҳифз намояд, ӯро зарур аст, ки доимо донишу малакаи хешро такмил диҳад, то ки худро бо талаботи бозори меҳнат мутобиқ гардонад. Чунин мулоҳизаронӣ маънои онро дорад, ки омӯзиш ва таълим на танҳо дар ибтидои ҳаёт бояд дастраси одамон бошанд, балки дар тӯли ҳаёт одамон бояд ба омӯзиш машғул гардида, донишҳои худро такмил диҳанд.

Дар аксари ҷомеаҳои муосир одамон ба ду қишри калон ҷудо мешаванд: 1) одамоне, ки ба иттилоот дастрасӣ доранд; 2) одамоне, ки ба иттилоот дастрасӣ надоранд. Дар шароите, ки гурӯҳи дуюми одамон нисбат ба гурӯҳи якум зиёдтар мебошанд, дар самти таъмини рушди ҷомеа монеаи ҷиддӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар як нафар ба ҷомеаи иттилоотӣ ворид карда шавад ва барои ин иттилоотонии ҷомеа хеле аҳамиятнок мебошад. Дар ҷомеаи иттилоотии ташаккулёфта соҳаи истеҳсолот ҳамчун соҳаи афзалиятнок боқӣ мемонад, лекин ба ҷойи неруи ҷисмонии инсон неруи технологияҳои навин истифода мегардад. Ба қавле неруи ҷисмонии инсон қариб ки корношоям мегардад. Ба ҷойи он неруи ақлонии инсон афзалият пайдо менамояд. Ба андешаи идеологҳои ҷомеаи иттилоотӣ, намояндагони синфи истисморшуда (онҳое, ки бештар ба меҳнати ҷисмонӣ машғуланд) аз лиҳози сохтори сиёсии мамлакат ва сиёсати пешгирифтаи давлат ба тамоюлоти постиндустриалӣ зиддият нишон медиҳанд.

Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ шакли дигари саводнокӣ – саводнокии компютерӣ ба вуҷуд меояд ва он ба талаботи давру замон табдил меёбад. Касоне, ки бо компютерҳои замонавӣ кор карда наметавонанд, онҳо на танҳо кори хуб пайдо намекунанд ва ё дар кори худ муваффақ намешаванд, балки аз хизматрасониҳои одии ҳаррӯза, аз қабили фармоиши чиптаҳо, истифодаи суратҳисоби бонкии худ, пардохти ин ё он навъи хизматрасонӣ ба воситаи пулҳои электронӣ, аз почтаи электронӣ, умуман аз интернет ва системаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ истифода бурда наметавонанд. Ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои иттилоотии тараққикарда бе ҷалби доираи васеи шахсони дорои саводи компютерӣ ғайриимкон аст.

Рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба якчанд шартҳои асосӣ асос ёфтааст, ки сохтор ва динамикаи онро муайян мекунанд. Пеш аз ҳама, ин пешрафти технологӣ мебошад, ки дар таҳия ва паҳнкунии технологияҳои пешрафтаи

иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) ифода меёбад. Миниатюризатсия, афзоиши қудрати коркард, рушди шабакаҳои интиқоли маълумот ва сохтани нармафзор муҳаррикҳои ин раванд мебошанд. Маҳз ба шарофати ин технологияҳо ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва паҳнкунии иттилоот дар миқёси ҷаҳонӣ имконпазир мегардад. Шарти иқтисодӣ аз гузариш аз иқтисоди саноатӣ ба иқтисодиёти дониш ва хидмат иборат аст. Маълумот ва дониш омили асосии истеҳсолот мегардад, ки рақобатпазирии корхонаҳо ва давлатҳоро муайян мекунад. Сармоягузорӣ ба таҳқиқот ва рушд, таҳсилот ва такмили ихтисос ба самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ табдил меёбад.

Тағйироти иҷтимоӣ низ нақши муҳим доранд. Афзоиши сатҳи таҳсилоти аҳолӣ, баланд бардоштани саводнокии иттилоотӣ, васеъ кардани дастрасӣ ба иттилоот ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунад. Одамон бештар огоҳ, фаъол ва серталаб ба сифати иттилоот ва хидматҳо мешаванд. Шаклҳои нави муошırати иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ рушд мекунанд, марзҳои ҷуғрофӣ норавшан мешаванд ва фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ташаккул меёбад. Хусусиятҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар як қатор ҷанбаҳо зоҳир мешаванд. Аввалан, ин суръатбахшии суръати тағйирот дар ҳама соҳаҳои ҳаёт аст. Технология босуръат рушд мекунад ва ҷомеа бояд пайваста ба шароити нав мутобиқ шавад. Дуюм, ҳамгироии технологияҳои иттилоотӣ дар ҳама соҳаҳои фаъолият – аз маориф ва тандурустӣ то тиҷорат ва идоракунии давлатӣ ба амал меояд. Сеюм, иттилоот манбаи стратегии муайянкунандаи рақобатпазирӣ ва амният мегардад. Чорум, мушкилоти нав бо амнияти иттилоотӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва мубориза бо маълумоти бардурӯғ ба миён меоянд.

Боби дуюми диссертатсия – **«Омилҳои сиёсии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ»,** ба омӯзиши сиёсати иттилоотонии давлат, барномаҳо ва стратегияҳои иттилоотию сиёсии давлат, таҷрибаи давлатҳои тараққикарда ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, истифодаи ТИК дар раванди идоракунии давлатӣ ва ташаккулёбии ҳукумати электронӣ бахшида шудааст.

Зербоби якуми боби дуюм – **«Нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ»** ба таҳлилу баррасии сиёсати иттилоотонии давлат ва барномаҳои давлатии дар соҳа қабулгардида бахшида шуда, дар он дар заминаи таҳлили муқоисавӣ муваффақиятҳои давлатҳои пешрафтаи олам дар самти ташаккулдиҳии ҷомеаи иттилоотӣ нишон дода шудаанд. Дар таҳқиқоти мазкур қайд мегардад, ки давлат метавонад дар раванди тағйирёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши меҳвариро ишғол намояд ва рафтори субъектҳои гуногуни ҷомеаро ба танзим даровarda, базаи меъёрию ҳуқуқиеро ташаккул диҳад, ки ҳамаи иқтидори мавҷударо барои таъмини рушди ҷомеа ва рушди инсон

равона созад. Чунин самти фаъолият аз сиёсати иттилоотӣ ва ё сиёсати иттилоотонӣ дида миқёси васеътарро фаро мегирад. Аммо сиёсати иттилоотонии давлат метавонад то дараҷаи зарурӣ рушду инкишофи ҷомеаи иттилоотиро таъмин намояд.

Чунин раванди иттилоотӣ аввалин маротиба солҳои 70-80-уми қарни гузашта дар як қатор давлатҳои Аврупои Ғарбӣ ба амал омада буд. Соли 1978 дар Фаронса оид ба таъсири технологияҳои нави иттилоотӣ ба ҷомеа маърӯзаи махсусе омода гардида буд. Ҳукумати Фаронса кӯшиш менамуд, ки паҳлуҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии раванди дар амал татбиқ гардидани технологияҳои иттилоотиро муайян намояд ва дар заминаи он барои муайян намудани нақш ва мавқеи давлат дар ин раванд стандарти ягонаи иттилоотикунониро ташаккул диҳад. Дар маърӯзаи мазкур нишон дода шуда буд, ки технологияҳои ҷадид чӣ гуна метавонанд соҳаи саноат, сохтори иҷтимоӣ, ҳаёти фарҳангӣ, илму маорифро тағйир диҳанд. Дар баробари ҳукумати Фаронса соли 1978 Комиссияи аврупоӣ «Китоби сабзи телекоммуникатсия»-ро тартиб медиҳад, ки дар он шабакаҳои телекоммуникатсионӣ системаи асаби ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаҳои муосир муаррифӣ мегарданд.

Соли 1988 Маъмурияти миллии Иёлоти Муттаҳидаи Америка оид ба иттилоот ва телекоммуникатсия маърӯзаеро таҳти унвони «NTIA - Telecom 2000 report» нашр менамоял, ки дар он муҳиммият ва аҳамияти инфрасохтори иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии мамлакат асоснок гардида, барои устувор нигоҳ доштани иқтисодиёти америкоӣ ва ҷаҳонӣ зарур арзёбӣ мегардад. Соли 1991 дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка Қонун «Дар бораи коммуникатсия ва компютерҳои баландсуръат» қабул мегардад.

Соли 1994 вазорати саноати Канада стратегияи «Ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ»-ро пешниҳод намуд, ки дар он роҳу воситаҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои расидан ба ҳадафҳои иқтисодию иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд. Барои дар амал татбиқ намудани стратегия ва барномаҳои мазкур нақшаи чорабиниҳои мушаххас таҳия мегардад, ки барои иҷроиши онҳо зиёда аз 30 мақомоти давлатӣ сафарбар карда мешаванд. Бо ин роҳ гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисодиёти электронӣ бо истифода аз магистрали иттилоотии Канада пешниҳод мегардад, ки дар якҷоягӣ бо иштироки давлат, бахши хусусӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бояд дар амал татбиқ карда мешуд. Дар тӯли солҳои 1990-2000 аз ҷониби Комиссияи Иттиҳоди Аврупо низ як қатор нақша-чорабиниҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул мегарданд, ки ҳадафи аслии онҳо ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Дар миёни онҳо «Масири аврупоӣ ба сӯйи ҷомеаи иттилоотӣ» ҳуҷҷати хеле муҳим мебошад. Инчунин, дар ин давра аз ҷониби як қатор

давлатҳои дигари пешрафта ва як зумра давлатҳои рӯ ба тараққӣ низ чунин ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба тасвиб расонида шудаанд.

Дар рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, ки бо ташаббуси давлатҳои пешрафтаи олам таъсис ёфтаанд, нақши муассир гузоштаанд. Масалан, 22 июли соли 2000 дар ҷазираи Окинаваи Ҷопон нишасти «Ҳаштгонаи бузург» баргузор мегардад, ки дар он Хартияи ҷомеаи иттилоотии глобалиро қабул менамоянд. Дар «Хартияи Окинава» қайд мегардад, ки «ТИК яке аз омилҳои муҳиме мебошанд, ки дар рушди ҷомеаҳои асри XXI таъсири амиқ мерасонанд» [31].

Соли 2002 барномаи созмони байналмилалии ЮНЕСКО таҳти унвони «Иттилоот барои ҳамагон» қабул мегардад, ки дар соҳаҳои гуногун, махсусан дар соҳаи иҷтимоиёт дар сатҳи зарурӣ мавриди истифода қарор додани ТИК мақсади асосии он ба шумор мерафт. Баъд аз қабули барномаи мазкур Бонки умумиҷаҳонӣ маблағгузорӣ намудани лоиҳаҳоеро, ки барои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ нигаронида шудаанд, оғоз менамояд.

Бо ташаббуси СММ дар ду марҳила: аввал соли 2003 дар Женева ва сипас соли 2005 дар Тунис вохӯрии сатҳи олӣ дар шакли Саммити байналмилалӣ оид ба масъалаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ баргузор мегардад. Дар анҷоми вохӯрии дар шаҳри Женева баргузоргардида иштирокчиён эъломияи «Сохтани ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун масъалаи нав дар ҳазорсолаи навин»-ро қабул менамоянд. Дар банди 46 эъломияи мазкур таъкид мегардад, ки «давлатҳо дар сохтмони ҷомеаи иттилоотӣ бояд фаъолона иштирок намоянд ва нисбат ба амалҳои яксамта, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва бо муқаррароти СММ мувофиқат намекунанд, чораҳои зарурӣ андешанд» [35]. Ҳамчунин, соли 2006 Ассамблеяи Генералии СММ дар эъломияи худ рӯзи 17 майро Рӯзи байналмилалии ҷомеаи иттилоотӣ эълон менамояд.

Нақши давлатро дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аз ҳад зиёд арзёбӣ кардан мумкин аст. Маҳз давлат, ки дорои захираҳо, заминаи қонунгузорӣ ва дастгоҳи маъмурӣ мебошад, қодир аст самти рушди ҷомеаи иттилоотиро муайян кунад, устуворӣ ва дастрасии онро барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ таъмин намояд. Он ҳамчун ҳамоҳангсози калидӣ байни тиҷорат, ташкилотҳои илмӣ ва шаҳрвандон амал карда, барои навоварӣ ва паҳнкунии иттилоот муҳити мусоид фароҳам меорад. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат таҳия ва ҷорӣ намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи иттилоотӣ мебошад. Қонунҳо дар бораи ҳифзи иттилоот, ҳуқуқи муаллиф, киберамният, тиҷорати электронӣ ва дигар санадҳои ба ин монанд қоидаҳои бозиро ташаккул медиҳанд, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон ва ташкилотҳоро таъмин мекунанд, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва хидматҳоро ҳавасманд мекунанд. Сифати ин қонунҳо аз он

вобаста аст, ки ҷомеаи иттилоотӣ то чӣ андоза самаранок кор хоҳад кард, то чӣ андоза он аз сӯиистифода ва таҳдидҳои киберӣ муҳофизат карда мешавад.

Давлат инчунин дар рушди инфрасохтори ҷомеаи иттилоотӣ нақши калидӣ дорад. Он метавонад сохтмони шабакаҳои алоқаи баландсуръат, марказҳои додаҳо, фазои маҷозӣ ва дигар объектҳоеро, ки барои дастрасӣ ба иттилоот ва хидматҳои рақамӣ заруранд, маблағгузорӣ кунад. Давлат дар таъмини дастрасӣ ба иттилоот барои қаламравҳои дурдаст ва камназири аҳолӣ, ки барои ташкилотҳои тиҷоратӣ сармоягузорӣ ба рушди инфрасохтор фоидаовар нест, нақши муҳим мебозад. Илова бар ин, давлат бояд рушди маориф ва илмро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ фаъолона дастгирӣ кунад. Маблағгузории таҳқиқоти илмӣ, ташкили барномаҳои таълимӣ, дастгирии донишҷӯён ва олимони болаёқат ҳама ба рушди иқтидори кадрӣ барои ташаккул ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат мекунанд. Давлат инчунин метавонад барномаҳои саводнокии рақамии аҳолиро дастгирӣ кунад, то ҳамаи шаҳрвандон аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ самаранок истифода баранд.

Ниҳоятан, давлат бояд амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар киберфазо таъмин кунад. Ин таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба ҳифзи инфрасохтори муҳими иттилоотӣ, мубориза бо киберҷинояткорӣ, муҳофизат аз иттилооти бардурӯғ ва таблиғотро дар бар мегирад. Дар шароити ташаннуҷи афзояндаи геополитикӣ дар фазои киберӣ, нақши давлат дар таъмини амнияти иттилоотӣ торафт муҳимтар мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюм – **«Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ»,** ба омӯзиши консепсияҳои нави идоракунии давлатӣ бахшида шуда, дар он самаранокии истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди идоракунии давлатӣ нишон дода шудааст.

Дар таҳқиқоти мазкур таъкид мегардад, ки дар ибтидои асри XX дар ташкили идоракунии давлатӣ назарияи ратсионалию бюрократӣ афзалияти бештар дошт. Идеяҳои асосии назарияи мазкур аз ҷониби М.Вебер ва В.Вилсон ташаккул дода шуда буданд. Аллакай дар нимаи дуюми асри XX дар низоми идоракунии давлатии мамлакатҳои рӯ ба тараққии он замон як қатор падидаҳои манфӣ, аз ҷумла паст гардидани боварии аҳолӣ ба самаранокии системаи идоракунии давлатӣ ба амал омаданд, ки чунин вазъият аз коҳишёбии самаранокии идоракунии бюрократӣ дарак медод. Дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон чунин вазъият «буҳрони давлатҳои бюрократӣ» муаррифӣ гардидааст [30]. Сиёсатшиносону ҷамеашиносон ва махсусан сиёсатмадорону арбобони сиёсӣ бо дарназардошти вазъияти баамаломада ба ташаккулдиҳию ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ машғул гардидаанд. Бинобар ин, дар

системаи идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор додани ТИК ва ташаккулёбии консепсияи «New Public Management» (NPM) яке аз аввалин қадамҳои ба талаботи давру замон мутобиқ гардонидани системаи идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Пайдоиш ва ташаккулёбии консепсияи «New Public Management» (NPM) ба солҳои 70-уми асри XX рост меояд. Дар доираи ин навъи идоракунӣ давлат ҳангоми ба аҳолии мамлакат пешниҳод намудани хизматрасониҳои мухталиф ТИК-ро бояд ба таври васеъ истифода менамуд. Аввалин маротиба мавриди истифода қарор додани компютерҳои фардӣ, аввалин барномаҳои компютерӣ ва пайдоиши шабакаи Интернет дар раванди идоракунии давлатӣ ба таври васеъ истифода намудани ТИК-ро имконпазир гардониданд. Дар ҳамин марҳилаи рушду инкишоф дар як қатор давлатҳои олам, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Япония, Франсия, Британияи Кабир, Олмон ва ғ. дар заминаи консепсияи «New Public Management» (NPM) ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ раванди ислоҳоти маъмурӣ амалӣ карда мешавад.

Дар охири солҳои 1990 ва ибтидои солҳои 2000 вобаста ба принсипҳои ташкили идоракунии давлатӣ муносибати нав ба вуҷуд оварда мешавад, ки онро «Good Governance», яъне идоракунии хуб ва ё дар сатҳи зарурӣ ба амал баровардани идоракунии давлатӣ номидан мумкин аст. Сиёсатшиноси амрикоӣ Марк Бевир «Good Governance»-ро назарияи шабакаҳои электронӣ номидааст ва онро бо консепсияи «New Public Management» (NPM) як намешуморад [1]. Аммо як қатор олимон назарияи «Good Governance»-ро консепсияи «пост-NPM» муаррифӣ намудаанд.

Каме дертар дар зери таъсири рушди бемайлони ТИК ва баланд гардидани иқтидору имконияти техникию технологии онҳо консепсияи «e-government» (ҳукумати электронӣ) ташаккул меёбад ва дере нагузашта дар ҷаҳони капитализм ва давлатҳои демократӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо менамояд. Баъди ташаккулёбии консепсияи мазкур маълум гардид, ки дар раванди идоракунии давлатӣ мавриди истифода қарор гирифтани ТИК бояд на ҳамчун механизми ислоҳоти маъмурӣ баррасӣ гардад, балки ин раванд бояд воситаи гузариш аз як модел ба модели дигари идоракунии давлатӣ дониста шавад. Масалан, дар зери таъсири ТИК ба амал омадани консепсияи «New Public Management» (NPM), дар заминаи он ташаккул ёфтани назарияи «Good Governance» ва ниҳоятан ба вуҷуд омадани консепсияи «e-government» (ҳукумати электронӣ) воқеияти давру замон ва гузариш аз як модели идоракунӣ ба модели дигари онро ифода менамояд.

Моҳияти мафҳуми «ҳукумати электронӣ» дар Ғарб, махсусан дар Иёлоти Муттаҳидаи Америка ва Британияи Кабир дар маҷмӯъ бо рушду инкишоф ва баланд гардидани самарнокии фаъолияти давлат алоқаманд карда

мешавад. Ҳукумати электронӣ яке аз воситаҳои тағйир додани муносибати давлат ва ҷомеа муаррифӣ мегардад. ТИК бошад, ҳамчун механизми таъмини идоракунии самаранок дониста мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди идоракунии давлатӣ на танҳо тамоюл, балки зарурати баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти кори мақомоти давлатӣ мегардад. Интегратсияи ТИК имкон медиҳад, ки равандҳои қабули қарорҳо беҳтар карда шаванд, сифати хизматрасониҳои давлатӣ беҳтар карда шаванд ва сатҳи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии кишвар баланд бардошта шавад. Дар ҷаҳони имрӯза, ки иттилоот манбаи калидӣ аст, истифодаи самараноки ТИК барои ҳар кишваре, ки барои рушди устувор ва шукуфоӣ талош мекунад, бартарии рақобатӣ мегардад. Татбиқи ТИК дар идоракунии давлатӣ доираи васеи самтҳоро дар бар мегирад, аз ташкили ҳукумати электронӣ то истифодаи маълумоти васеъ барои таҳлили тамоюлҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Ҳукумати электронӣ ба шаҳрвандон дастрасии қулай ва зуд ба хидматҳои давлатиро ба таври онлайн тавассути коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ ва сарфаи вақт фароҳам меорад. Системаҳои гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ шаффофияти кори мақомоти давлатиро баланд мебардоранд ва равандҳои мувофиқа ва қабули қарорҳоро осон мекунанд. Истифодаи маълумоти электронӣ ба мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки дар асоси таҳлили эҳтиёҷоти воқеии аҳолӣ ва пешгӯии хатарҳои эҳтимолӣ қарорҳои беҳтар қабул кунанд.

Аммо, ворид кардани ТИК ба идоракунии давлатӣ бо як қатор масъалаҳо алоқаманд аст. Яке аз онҳо зарурати таъмини амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумоти шахсии шаҳрвандон мебошад. Мақомоти давлатӣ бояд барои пешгирии ҳамлаҳои киберӣ ва дастрасии беиҷозат ба маълумоти ҳассос тамоми чораҳои заруриро андешанд. Мушкилоти дигар зарурати бартараф кардани нобаробарии рақамӣ ва таъмини дастрасии баробар ба хидматҳои давлатӣ барои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз ҷои истиқомат ва сатҳи таҳсилоти онҳо мебошад. Барои бомуваффақият ҷорӣ кардани ТИК ба идоракунии давлатӣ, ташкили заминаи мусоиди меъёрию ҳуқуқӣ, таъмини тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос ва рушди инфрасохтори рақамӣ зарур аст. Давлат бояд лоиҳаҳои инноватсиониро дар соҳаи ТИК фаъолона дастгирӣ намуда, ҳамкории байни мақомоти давлатӣ, тиҷорат ва ташкилотҳои илмиро ҳавасманд намояд. Танҳо дар сурати муносибати ҳамаҷониба ба ҳалли ин масъалаҳо имконпазир аст, ки иқтидори ТИК барои баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти идоракунии давлатӣ пурра амалӣ карда шавад.

Хулоса, метавон қайд кард, ки истифодаи ТИК дар идоракунии давлатӣ омили асосии баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон мебошад. Истифодаи самараноки ТИК ба

мақомоти давлатӣ имкон медиҳад, ки ба мушкилоти замони муосир зудтар вокуниш нишон диҳанд, қарорҳои огоҳона қабул кунанд ва ба шаҳрвандон хидматҳои беҳтар пешниҳод кунанд. Татбиқи ТИК равиши ҳамаҷониба ва такмили доимиро талаб мекунад.

Дар боби сеюми диссертатсия – «**Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар масири истиқлолияти сиёсӣ**», раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаббусҳои Ҳукумати мамлакат ҷиҳати самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мушкилот ва дурнамои рушди ҳукумати электронӣ ва ҷомеаи иттилоотии мамлакат мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби аввали боби сеюм – «**Ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: меъёрҳои асосӣ ва татбиқи онҳо**», заминаҳои меъёрию ҳуқуқии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва татбиқи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар заминаи онҳо зарурият ва муҳиммияти ташаккулёбии ин навъи ҷомеа барои Тоҷикистон асоснок карда шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ танҳо алоқаи телефонии статсионариро ба мерос гирифт, ки он ҳамчун унсури муҳимтарини инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионии мамлакат на он қадар зиёд рушду инкишоф ёфта буд. Тадриҷан дар зери таъсири баъзе омилҳои мавҷуда, аз ҷумла дар зери таъсири рушди технологияҳои навин, талаботи мардум нисбат ба алоқаи телефонии анъанавӣ камтар гардид.

Аввалин оператори алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон ширкати «ТоҷикТел» мебошад, ки он соли 1996 дар шаҳри Душанбе фаъолияти худро оғоз менамояд. Айни замон як қатор ширкатҳои мобилии дар мамлакат фаъолияткунанда, аз ҷумла «Бабилон Мобайл», «Тиселл», «Мегафон», «Билайн» ва чанде дигар алоқаи мобилии насли сеюм (3G) ва хизматрасонии интернетии стандарти насли чорум (4G)-ро ба муштариёни худ пешниҳод менамоянд.

Яке аз унсурҳои муҳимми инфрасохтори иттилоотии мамлакатро телевизионҳои ноқилӣ ва маҳвораӣ ташкил медиҳанд. Онҳо дар самти иттилоотикунонии ҷомеа ва саривақт ба аҳолии мамлакат пешниҳод намудани иттилооти зарурӣ нақши муассир доранд. Дар пойтахти мамлакат ва шаҳрҳои Бохтар, Кӯлоб ва Хуҷанд як қатор ширкатҳо дар рушди телевизионҳои ноқилӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд. Мутаассифона, телевизионҳои ноқилӣ дар деҳаҳои мамлакат ҳанӯз ҳам истифода намегарданд. Махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари аҳолии мамлакат дар деҳот умр ба сар мебаранд, ташкил намудани чунин навъи хизматрасонӣ дар самти иттилоотикунонии ҷомеа ба мақсад мувофиқ мебошад.

Бояд гуфт, ки шабакаи Интернет яке аз унсурҳои муҳимтарини инфрасохтори иттилоотии дилхоҳ мамлакат ба шумор меравад. Дастраси аҳолии мамлакат гардонидани системаҳои иттилоотӣ маҳз ба воситаи шабакаи интернет имконпазир мегардад. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар самти иттилоотонии ҷомеа шабакаи Интернет нақши хеле калон мебозад. Дар Тоҷикистон бори аввал истифодаи хизматрасониҳои интернетӣ дар шакли хеле маҳдуд дар соли 1995 имконпазир гардид. Айни замон бошад, дар бозори хизматрасониҳои интернетӣ зиёда аз 12 интернет-провайдерҳои сатҳашон гуногун ба пешниҳоди ин навъи хизматрасонӣ машғуланд.

Бояд қайд намуд, ки ба аҳолии мамлакат ва ба ташкилоту муассисаҳои дахлдор дастрас намудани шабакаи Интернет агар барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ заминаи мусоид фароҳам оварад ҳам, рушди онро таъмин карда наметавонад. Зеро дар баробари дастрас намудани шабакаи интернет, минбаъд дар бораи рушди контенти миллӣ ё худ зиёд намудани сомонаҳо ва системаҳои иттилоотии бо забони давлатӣ ташкилшуда саъю талош варзидан зарур мебошад.

Солҳои 2000 то 2010 дар мамлакат як қатор қонунҳо қабул карда мешаванд, ки онҳо ба масъалаҳои ҷудогонаи инфрасохтори иттилоотии мамлакат бахшида шудаанд. Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳои аз ҷониби ҳукумат қабулшуда нишон медиҳад, ки масъалаи рушди ҳукумати электронӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз аз ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Аммо рушди ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон ва истифодаи ТИК дар ин соҳа дар марҳилаҳои аввали ташаккулёбии худ қарор доранд. Ҳанӯз ҳам то ба охир ҳузури иттилоотии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар шабакаи Интернет пурра ташаккул наёфтааст.

Истифодаи ТИК дар раванди таълим яке аз масъалаҳои муҳимми баланд бардоштани ҳам сатҳу сифати таълим ва ҳам беҳтар намудани саводнокии компютерии мутахассисони оянда ба шумор меравад. Аммо дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва олии касбии мамлакат истифодаи ТИК дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Ҳайати профессорону омӯзгороне, ки ТИК-ро дар раванди таълим истифода бурда наметавонанд, яке аз мушкилиҳои асосии мактабҳои олӣ боқӣ мемонад.

Воридшавии Тоҷикистон ба ҷомеаи иттилоотӣ як раванди мураккаб ва гуногунҷанба буда, равиши ҳамаҷониба ва банақшагирии стратегиро талаб мекунад. Меъёрҳои асосии муайянкунандаи сатҳи рушди ҷомеаи иттилоотӣ дастрасии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК), рушди сармояи инсонӣ, ташкили заминаи мусоиди меъёрию ҳуқуқӣ, ҳавасмандгардонии навовариҳо ва таъмини амнияти иттилоотиро дар бар

мегиранд. Татбиқи ин меъёрҳо омили асосии ҳамгироии бомуваффақияти кишвар ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мебошад. Яке аз афзалиятҳои аввалиндараҷа васеъ кардани дастрасӣ ба ТИК барои ҳама табақаҳои аҳолӣ мебошад. Ин рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, коҳиши арзиши хидматҳои интернетӣ, баланд бардоштани саводнокии компютерӣ ва таъмини имкониятҳои баробар барои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар минтақаҳои гуногуни кишварро дар бар мегирад. Ба рушди деҳот, ки дастрасӣ ба иттилоот ва технологияҳои муосир аксар вақт маҳдуд аст, диққати махсус додан лозим аст. Татбиқи барномаҳои пайваст кардани мактабҳои деҳот, китобхонаҳо ва муассисаҳои тиббӣ ба интернет як қадами муҳим дар рафъи холигии рақамӣ ва дастрасии баробар ба таҳсилот, тандурустӣ ва дигар хидматҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошад.

Рушди сармояи инсонӣ боз як меъёри муҳимми ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мебошад. Ин такмили ихтисоси мутахассисони ТИК, рушди системаи маорифро дар бар мегирад, ки ба омӯзиши кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ нигаронида шудааст ва фароҳам овардани шароит барои омӯзиши давомдор ва бозомӯзии кадрҳоро фаро мегирад. Ҳавасмандгардонии ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои иттилоотӣ, фароҳам овардани имкониятҳо барои гирифтани таҳсилоти босифат дар ин соҳа ва дастгирии мутахассисони боистеъдод, ки метавонанд дар рушди иқтисоди рақамии кишвар саҳм гузоранд, зарур аст. Таъсиси заминаи мусоиди меъёрию ҳуқуқӣ барои рушди бомуваффақияти ҷомеаи иттилоотӣ шарти зарурӣ мебошад. Ин таҳия ва қабули қонунҳоеро дар бар мегирад, ки муносибатҳои ТИК, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ, таъмини амнияти киберӣ ва ҳавасмандгардонии рушди тиҷорати электрониро танзим мекунанд. Муҳим аст, ки муҳити ҳуқуқие фароҳам оварда шавад, ки ба инноватсия, ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи ТИК ва ҳифзи ҳуқуқи корбарони рақамӣ мусоидат кунад. Татбиқи ин меъёрҳо талошҳои ҳамоҳангшудаи давлат, тиҷорат, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро талаб мекунад. Стратегияи ҳамаҷонибаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ бояд таҳия ва амалӣ карда шавад, ки хусусиятҳо ва ниёзҳои кишварро ба назар гирад ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонро истифода барад. Танҳо Дар ин сурат Тоҷикистон метавонад бомуваффақият ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ворид шавад ва аз тамоми бартариҳои даврони рақамӣ истифода барад.

Ҳамин тариқ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дар мамлакат базаи меъёрию ҳуқуқии ҷомеаи иттилоотӣ хеле хуб ташаккул дода шудааст. Аммо раванди ташаккулёбии инфрасохтори иттилоотии мамлакат дар марҳилаҳои аввали рушду инкишоф қарор дорад.

Зербоби дуюми боби сеюм – «**Мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**», ба омӯзиши шарту шароитҳои ташаккулёбӣ ва истифодабарии ТИК бахшида шуда, дар он таҳдиду хатарҳои иттилоотӣ ва новобаста ба мавҷудияти чунин таҳдиҳо зарурати ташаккул додани инфрасохтори иттилоотии мамлакат нишон дода шуда, монеаҳои дар ин самт мавҷуда баррасӣ гардидаанд.

Дар замони муосир рушду инкишофи давлатҳои олам аз рушду инкишофи инфрасохтори иттилоотии ин мамлакатҳо вобаста мебошад. Аммо чунин дастоварди инсоният дар баробари таъмин намудани рушду инкишоф, инчунин як қатор мушкилиҳоро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши таҳдиду хатарҳои замони муосир низ, аз пешрафти илму техника ва технологияҳои муосири иттилоотӣ вобаста мебошанд. Зеро ҳар як технологияи нав метавонад дар ду самт – ҳам ба фоидаи инсоният ва ҳам бар зарари ӯ истифода бурда шавад. Рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ низ, дар аввал бо мақсади таъмин намудани пешрафти соҳаҳои гуногун амалӣ гардида бошад ҳам, аз ҷониби дигар, неруҳои тахрибкор онро барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсию иқтисодии худ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар миёни хавфу хатарҳое, ки аз рушди илму техника ва технологияҳои иттилоотӣ вобастаанд, кибертерроризм ва киберэкстремизм падидаҳое мебошанд, ки дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотии замони муосир зоҳир мегарданд ва ба амнияти миллии мамлакатҳои алоҳида таҳдид менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз таҳдиди чунин хатар дар канор буда наметавонад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан барои ташаккулёбии он хеле зарур аст. Зеро ин талаботи давру замон мебошад. Ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар заминаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мегардад, рушду инкишофи соҳаҳои гуногуни мамлакатро таъмин намуда, самаранокии идоракунии давлатию ҷамъиятиро бояд таъмин созад.

Ҳамасола як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳои илмию таҳқиқотӣ дар асоси муқоисаи маълумоти оморӣ кӯшиш менамоянд, ки рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии мамлакатҳои алоҳидаро муайян намуда, вобаста ба рушди ҷомеаи иттилоотӣ рейтинги давлатҳои алоҳидаро тартиб диҳанд. Созмонҳои мазкур ба самтҳои истифодабарии ТИК таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои рушди тиҷорати электронӣ ва ҳукумати электронӣ диққати бештар медиҳанд. Айни замон панҷ шохиси муайянкунандаи рушди ҷомеаи иттилоотӣ маълуму машҳуранд: 1) Шохиси омодагии шабакавӣ (Network Readiness Index – NRI); 2) Шохиси имкониятҳои рақамӣ (Digital opportunity index, DOI); 3) Шохиси омодагии

электронӣ (e-readiness); 4) Шохиси рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; 5) Шохиси омодагии мамлакатҳо барои гузариш ба ҳукумати электронӣ (E-Government Readiness Index). Таҳлили раддабандии шохисҳои мазкур нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондодҳои асосии рушди ТИК дар мақоми аз миёна ҳам поёнтар қарор дорад. Ҳарчанд дар мамлакат базаи меъёрию ҳуқуқии рушди ТИК мавҷуд бошад ҳам, бинобар сабаби дар сатҳи зарурӣ истифода нашудани онҳо инфрасохтори иттилоотии мамлакат дар ҳоли ташаккулёбӣ қарор дорад. Пеш аз ҳама, нарасидани мутахассисони соҳаи ТИК дар амал татбиқ намудани барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои давлатиро ғайриимкон мегардонад. Инчунин, дар сатҳи паст қарор доштани саводнокии компютерии шаҳрвандони мамлакат имкон намедиҳад, ки истифодабарии ТИК дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад. Гузашта аз ин, дар мамлакат шумораи ками одамон ба интернети баландсуръат дастрасӣ доранд. Дастнорас будани нархи интернет барои аҳолии мамлакат истифодаи хизматрасониҳои электрониро ғайриимкон мегардонад.

Рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон вазифаи стратегӣ буда, ба баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, суръат бахшидани рушди иқтисодӣ ва ҳамгироии кишвар ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ нигаронида шудааст. Аммо, дар роҳи бунёди ҷомеаи мукаммали иттилоотӣ Тоҷикистон бо як қатор чолишҳо рӯ ба рӯ мешавад, ки ҳалли ҳамаҷониба ва пайгиронаро талаб мекунанд. Яке аз самтҳои асосии рушд васеъ кардани дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) мебошад. Ин на танҳо афзоиши дастрасии интернетро дар аҳолӣ, балки кам шудани арзиши дастрасӣ, баланд шудани суръати пайвастшавӣ ва таъмини сигнали устуворро дар бар мегирад. Диққати махсус бояд ба рушди инфрасохтор дар деҳот дода шавад, ки дастрасӣ ба ТИК маҳдуд боқӣ мемонад.

Ҷанбаи дигари муҳим ин баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ мебошад. Татбиқи барномаҳои таълимӣ, ки ба таълим додани шаҳрвандон оид ба малакаҳои истифодаи ТИК, таъмини амнияти киберӣ ва тафаккури интиқодӣ ҳангоми кор бо иттилоот нигаронида шудаанд, зарур аст. Бояд ба таълими насли калонсол ва намояндагони табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ диққати махсус дода шавад. Рушди ҳукумати электронӣ боз як самти афзалиятнок аст. Татбиқи хидматҳои электронӣ имкон медиҳад, ки ҳамкории шаҳрвандон ва тиҷорат бо мақомоти давлатӣ содда карда шавад, расмиёти бюрократӣ коҳиш дода шавад ва шаффофияти фаъолияти ҳукумат баланд бардошта шавад. Таъмини дастрасии хидматҳои электронӣ барои ҳамаи шаҳрвандон, новобаста аз ҷойгиршавӣ ва сатҳи саводнокии рақамӣ муҳим аст.

Дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон бо татбиқи сиёсати комплексии давлатӣ, ки ба рафъи нобаробарии рақамӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ, рушди инфрасохтори ТИК ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ равона шудааст, алоқаманд аст. Татбиқи бомуваффақияти ин тадбирҳо ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ҷойгоҳи арзанда дошта, рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро таъмин намояд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, ҷиҳати хубтару беҳтар ба роҳ мондани рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф баён гардидаанд.

## Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

1. Ҷомеаи иттилоотӣ марҳилаи навбатии рушди инсоният ба шумор рафта, дар он маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасониҳои иттилоотӣ объекти афзалиятноки соҳаи истеҳсолот ва истеъмолот ба шумор мераванд. Ҷомеаи иттилоотӣ дорои чунин нишонаҳо ва хусусиятҳо мебошад: дар ин навъи ҷомеа миқдори зарурии манбаъҳои иттилоотӣ ба вуҷуд оварда шудаанд; истеҳсол, нигоҳдорӣ, интиқол ва паҳн намудани шаклҳои гуногуни иттилоот ҷузъҳои муҳимтарини соҳаи иқтисодиёт ба шумор мераванд; саноати иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки сохтани дастгоҳҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, коркарди маълумоти гуногун, ба вуҷуд овардани барномаҳои компютерӣ ва ғайраҳо хосси он мебошад; шаҳрвандон барои дастрасӣ пайдо намудан ба сарчашмаҳои гуногуни иттилоотӣ имкониятҳои техникӣ ва ҳуқуқӣ ба даст меоранд [2-М], [4-М].

2. Дар раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногун ба амал меояд. Дар чунин шароит истифодаи технологияҳои мазкур дар соҳаи сиёсат низ ногузир мегардад. Аз ин рӯ, давлатҳои алоҳида дар зери таъсири равандҳои сиёсии оштинопазир маҷбур мегарданд, ки муносибати худро бо ҷомеа тағйир диҳанд. Дар ин раванд бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ташаккулёбии ҳукумати электронӣ оғоз мегардад, ки моҳияти онро истифодабарии ТИК дар низоми идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад [3-М].

3. Дар шароити муосир бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ таъсири сиёсати «неруи маҳин», ғасби иттилоотӣ, паҳн гардидани иттилооти экстремистию ифротӣ ва таъсири онҳо ба шуури ҷамъиятӣ, махсусан таъсири кибертерроризм ва киберэкстремизм дар ҷомеа ба мушоҳида мерасанд [1-М].

4. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар самти ташаккулёбии давлати миллӣ ва ҷомеаи мутамаддин қадамҳои устувор гузошта истодааст. Инчунин, рушди ҷомеаи иттилоотӣ низ дар мамлакатамон дар ибтидои солҳои 2000 оғоз гардида буд. Ҳарчанд дар ин самт муваффақиятҳо ба назар расанд ҳам, ҳанӯз ҳам мушкилиҳо хеле зиёданд ва маҳз мушкилиҳои мазкур имкон намедиҳанд, ки рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат дар сатҳи зарурӣ таъмин гардад [6-М], [8-М].

5. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул додани консепсияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ хеле зарур мебошад. Ташаккули консепсияи рушди ҷомеаи иттилоотӣ барои ҳар як мамлакат ба он хотир зарур аст, ки нақш ва мавқеи мамлакат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ, иқтидори рақобатпазирии мамлакат, рушди ниҳодҳои демократии ҷомеа, рушди шахсият, сатҳу сифати зиндагӣ, рушди саноати иттилоотии мамлакат, ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави корӣ, рушди фарҳанг ва забони давлатӣ, таҳкими ягонагии иттилоотии мамлакат ва дар маҷмӯъ, рушди низоми иттилоотии мамлакат аз мавҷудият ва амалишавии консепсияи мазкур ва меъёрҳои мушаххаси он вобастагӣ доранд [5-М], [7-М].

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

1. Дар соҳаҳои гуногуни мамлакат ба таври васеъ мавриди истифода қарор додани технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки иҷроиши кору фаъолият на танҳо ғайриҳузурӣ, балки бо сифат ва бо суръати баланд анҷом дода шаванд. Инчунин, истифодаи ТИК дар соҳаҳои гуногун ва дар заминаи онҳо ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ имкон медиҳад, ки сатҳи амалҳои коррупсионӣ коҳиш дода шаванд. Чунин раванд боиси он мегардад, ки таъсири омили инсонӣ ба фаъолияти одамон камтар гардад.

2. Дар шароити истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ба амал меояд, ки дар ин гуна вазъият кормандони муассисаю ташкилот ухдадориҳои вазифавии худро хубтару беҳтар иҷро менамоянд.

3. Истифодабарии ТИК дар раванди идоранамоии соҳаҳои гуногуни ҳаёти мамлакат низ нақши муҳим мебозад. Барои баланд бардоштани самаранокии идоранамоии соҳаҳои мамлакат сохта ба истифода додани низомҳои иттилоотии соҳавӣ хеле зарур мебошанд. Зеро низомҳои иттилоотии ҳушманд имкон медиҳанд, ки назорати иҷроиши корҳо, баҳогузорӣ намудани фаъолияти ташкилотҳо ва субъектҳо, қабул намудани қарор дар асоси иттилооти саҳеҳ ба амал бароварда шаванд.

4. Ташаккул додани сомонаҳои миллӣ барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ хеле зарур мебошад. Чунин омил, аз як ҷониб, ҳам заминаи тарғибу ташвиқи

забони давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳам воситаи аз худ намудани фазои фарҳангию иттилоотии мамлакат дониста мешавад. Инчунин, дар шабакаи интернет бо забони давлатӣ чоп намудани маълумоти бештар, ҷойгир намудани мақолаю китобҳо, иттилооти ҳуқуқию меъёрӣ, маводи таҳлилӣ, маълумот дар бораи хизматрасониҳо ва монанди инҳо яке аз унсурҳои муҳимтарини ташаккулдиҳии контенти миллӣ ба шумор меравад.

5. Бо забони давлатӣ сохта ба истифода додани низомҳои иттилоотӣ, бойгониҳои иттилоотӣ, хазинаҳои илмию иттилоотӣ, оморҳои иттилоотӣ, низомҳои иттилоотӣ зарурати давру замон ва манфиатҳои иттилоотии давлати соҳибистиқлол ба шумор меравaнд.

## ИНТИШОРИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Таваров, Д.С. Ҷангҳои иттилоотӣ: моҳият ва хусусиятҳои амалишавии онҳо [Матн] / Д.С. Таваров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. –№2. –С.55-59. ISSN 0235-005X
[2-М] Таваров, Д.С. Консепсияҳои классикии ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. –№3. – С.94-100. ISSN 0235-005X
[3-М] Таваров, Д.С. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асоси ҷомеаи иттилоотӣ (таҳлили соҳаи идоракунии давлатӣ) [Матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. –2017. –№2/4. –С.296-300. ISSN 2413-5151
[4-М] Таваров, Д.С. Моҳият ва хусусиятҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Қисми 2. –2017. –№2/5. –С.270-273. ISSN 2413-5151
[5-М] Таваров, Д.С. Ташаккули ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров, Х.Қ. Сафарализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№6. –С.252-257. ISSN 2413-5151
[6-М] Таваров, Д.С. Мушкилот ва дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Таваров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –2018. –№8. – С.264-269. ISSN 2413-5151

*Маърӯзаҳои илмӣ*

[7-М] Таваров, Д.С. Нақши давлат дар ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ [Матн] / Д.С. Таваров // Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (ш.Душанбе, 1-2 ноябри соли 2018). –Душанбе, 2018. –С.354-356.

[8-М] Таваров, Д.С. Баъзе хусусиятҳои ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Д.С. Таваров // Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 12 декабри соли 2018). –Душанбе, 2018. –С. 267-279.

[9-М] Таваров, Д.С. Ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳукумати электронӣ дар шароити имрӯза [Матн] / Д. С. Таваров // Раванди сиёсии муосир. – 2023. – № 2(2). – С. 149-167.

**Бохтарский государственный университет**

**имени Носира Хусрава**

**УДК** 323.22/.28

***На правах рукописи***

**Таваров Дилшодджон Саидмуродович**

# ПРОЦЕСС ФОРМИРОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ (ОПЫТ ТАДЖИКИСТАНА)

Специальность 23.00.02 – политические институты, процессы и технологии (политические науки)

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук**

**Душанбе – 2025**

Диссертация выполнена на кафедре политологии и международных отношений Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава

**Научный руководитель:** **Сафарализода Худжамурод Куддуси** – кандидат политических наук, доцент, декан философскоо факультета Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Хайдарзода Рустам Джура** – доктор философских наук, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана;

**Саидзода Шухрат Шукур** – кандидат политических наук, доцент, заведующий кафедрой общественных дисциплин Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.

**Ведущая организация:** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

Защита диссертации состоится «05» июля 2025 года, в «10-00» часов на заседании диссертационного совета 6D.КОА-079 при Институте философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33).

С текстом диссертации можно ознакомиться в Научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33) и на официальном сайте Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова НАНТ (www.ifppanrt.tj)

Автореферат разослан «____» _________________ 2025 г.

Ученый секретарь
диссертационного совета,
кандидат политических наук Сангинов Н.Н.

# В В Е Д Е Н И Е

**Актуальность темы исследования.** Развитие и расширение информационного общества, особенно формирование информационной инфраструктуры общества, радикально меняет общественные отношения и повседневную деятельность людей. В этом процессе политическая жизнь общества меняет свою форму и содержание под влиянием технологических и информационных изменений. В связи с распространением информационно-коммуникационных средств, широкомасштабным внедрением искусственного интеллекта и постепенным развитием информационной инфраструктуры общества серьезное влияние на продвижение государственной политики и путей и методов ее практического осуществления оказывают качественные и количественные изменения, стоящие перед ней. В этом процессе происходит формирование электронного правительства, государства целенаправленно уделяют внимание развитию информационной инфраструктуры общества, особенно улучшению информационного элемента процесса государственного управления. В этих условиях можно заметить, что в деятельности государственных органов, особенно органов исполнительной власти, становится все более серьезным использование информационных средств, технологический потенциал сети интернета, оказание электронных услуг, установление связей с общественностью посредством использования новых информационных возможностей.

Кроме того, в наше время развитие жизненно важных отраслей страны и повышение эффективности системы государственного управления зависят от уровня и качества формирования информационной инфраструктуры страны. Государства, добившиеся успеха в использовании искусственного интеллекта, создали хорошие условия для обеспечения будущих этапов своего развития. Качественные изменения, произошедшие за последние два десятилетия, являются результатом широкого использования информационных средств и искусственного интеллекта. Например, внедрение и формирование электронного правительства является результатом использования информационных средств в области государственной политики и управления. Аналогичным образом, появление электронной коммерции и безналичных платежей является результатом использования этих инструментов в экономике. В целом, высокий уровень всех видов электронных и информационных услуг является результатом необходимого развития информационной инфраструктуры страны. Поэтому переход к информационному обществу, формирование информационной системы страны, создание информационных архивов и информационных серверов компаний, создающих новые технологии и позволяющих использовать

информационно-коммуникационные средства в различных сферах жизни страны очень важны, и от них во многом зависит будущее развитие общества.

Необходимость использования информационных средств в системе государственного управления, формирования на их основе политической коммуникации и, самое главное, условия формирования электронного правительства в 2012 году были подчеркнуты в очередном Послании Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона. В частности, Президент страны в связи с этим вопросом заявил: «использование информационно-коммуникационных технологий в различных сферах жизни общества и формирование на их основе электронного правительства является одним из важнейших вопросов современной эпохи. Страны, добившиеся значительных успехов в внедрении информационно-коммуникационных технологий и развитии электронного правительства, уделяют, прежде всего, должное внимание вопросам подготовки высококвалифицированных кадров в этой важной области, развитию информационной системы, поэтапному повышению уровня знаний государственных служащих и внедрению электронных методов управления» [33].

После обретения государственной независимости Республика Таджикистан столкнулась с навязанной гражданской войной. Такая ситуация не позволила государству и правительству в первые годы независимости предпринять необходимые меры и своевременные шаги в направлении формирования информационной инфраструктуры общества. Только после подписания Общего соглашения об установлении мира и национального согласия, и особенно после окончания послевоенного периода, то есть с начала 2000-х годов в стране, вопросу развития информационно-коммуникационных средств было уделено должное внимание. С 2000 по 2010 годы в стране принят ряд законов, которые посвящены отдельным вопросам информационной системы страны. Также с 2000-х годов с целью развития информационной инфраструктуры страны и расширения использования информационно-коммуникационных средств решениями Правительства Республики Таджикистан и указами Президента Республики Таджикистан был принят ряд государственных программ, стратегий и отраслевых концепций. В то же время, в соответствии с законодательством и нормативно-правовыми актами, принятыми в этом направлении, политические документы позволили осуществить качественно новый этап в процессе формирования информационно-коммуникационных средств.

Таким образом, будущее развитие страны и обеспечение прогресса различных сфер общественной жизни страны во многом зависят от развития информационной инфраструктуры страны, расширения использования

информационных средств и искусственного интеллекта, подключенных к сети интернет. Несмотря на то, что в стране установлены правовые и политические основы использования информационных средств, ряд нерешенных вопросов в сфере препятствует необходимому развитию информационного общества. В частности, нехватка кадров в области информационных технологий, отсутствие на должном уровне профессиональных навыков специалистов в области программирования, низкая скорость сети интернет, неадекватное использование информационных и технических средств современного времени на предприятиях и в учреждениях, а также в профессиональной деятельности сотрудников, отсутствие отраслевых информационных систем и порталов являются проблемами, которые должны быть решены в ближайшем будущем. Кроме того, не уделять должного внимания использованию искусственного интеллекта и автоматизации части действий при ведении бизнеса-это вопросы, которые в будущем должны быть решены комплексно. В связи с такой необходимостью изучение различных аспектов информационного общества, определение его специфических особенностей, научное обоснование закономерностей его формирования считается одним из приоритетных направлений научных исследований. Этот вопрос пока не подвергался научному исследованию в условиях Республики Таджикистан. Важность изучения предмета также обосновывается таким положением.

**Степень изученности темы.** Начиная с 50-ых годов XX века, вопрос информационного общества подвергается изучению со стороны ученых различных отраслей науки. Научную литературу, подготовленную в этом направлении, можно разделить на пяты групп.

В первую группу можно внести научные труды тех ученых и исследователей, которые занимались изучением и рассмотрением отличительных чертей информационного общества. Видный американский социолог Д.Белл считается основоположником теории постиндустриального общества. Он предполагает, что постиндустриальное общество это и есть информационное общество. Потому что в этом обществе обмен знанием и информацией реализуется посредством информационных и компьютерных сетей [2].

Очередная теория информационного общества разработана американским философом Э.Тоффлером [42]. Он также как Д.Белл рассматривает историю развития человеческого общества в виде трех волн человеческой цивилизации. Третья волна развития цивилизации связывается появлением постиндустриальной цивилизацией, которая основывается с появлением передовых инноваций современности. По поводу Э.Тофлера, появление новой цивилизации станет причиной изменения семейных и

трудовых отношений, изменения образа жизни и в конце изменения человеческого сознания.

Другой ученый, который внёс огромный вклад в изучении информационного общества, считается российский социолог и экономист В.Л.Иноземцев [3; 14; 15]. Он, рассматривая концепции Д.Белла и Э.Тоффлера, разрабатывает теорию «процесс эволюции развития цивилизации». По мнению В.Л. Иноземцева, так как развитие человека невозможно без материального обеспечения, также невозможно технологического прогресса без развития человека.

Кроме того, испанский ученый М.Кастельс [16; 17; 18] тоже внес существенный вклад в изучении различных аспектов формирования информационного общества.

На Востоке впервые изучением информационного общества занимались выдающиеся японские ученые Й.Масуда и Ю.Хаяши. Й.Масуда даже опубликовал работу под названием «Информационное общество как постиндустриальное общество» [45].

Таким образом, разработки Д.Белла, Э.Тоффлера, В.Л.Иноземцева, М.Кастельса, Й.Масуды и Ю.Хаяши, создавая хорошую почву процессу формирования цивилизованного общества, сформировали классические концепции информационного общества.

Вторую группу научных трудов составляют исследование тех ученых, которые в течение последних трех десятилетий посвящены изучением информационного общества. Эта группа ученых непосредственно занимаясь изучением информационного общества, в своих исследованиях рассматривают этот вопрос в качестве объекта исследования.

Следовательно, в исследовании М.Ф.Фридмана [43] рассматривается и изучается сущность, особенность и отличительные черты информационного общества.

Немецкий ученый Г.Бехман [4] следующим образом показывает различные виды проявления информационного общества: информационное общество как информационная экономика; информационное общество как постиндустриальное общество; информационное общество как общество знаний.

Российская исследовательница О.Ф. Волочаева [7] рассматривая процесс формирования информационного общества, отмечает, что увеличение приоритетности «умственного труда» в отношении «физического труда» является основной предпосылкой формирования информационного общества.

И.С. Мелюхин [25] в своем исследовании показывает место и роль информационно-коммуникационных технологий в управлении

общественными и государственными делами. Он отмечает, что сфера промышленности, энергетика, сферы услуг и другие сферы экономики не смогут в должном уровне обеспечить свою эффективность без использования указанных технологий и в процессе конкуренции теряют свои устойчивые позиции.

А.А. Моргунов [26] обращая внимание на отличительные черты информационного общества, рассматривает их с учетом различных сфер общественной жизни. Он уверен, что в процессе формирования информационного общества повышается место и роль информации и информационных аспектов в таких сферах как хозяйство, управление общественными и государственными делами и др.

